# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи номзадии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2026. – 178 с.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Мавзуи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, дар ҳуқуқи муосир, аз ҷумла, дар қонунгузорӣ ва назарияи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои вобаста ҳамчун ҳуқуқҳои истисноӣ дарк карда мешаванд, ки барои муаллифон, иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ пешниҳод шудаанд, таҳқиқ карда мешавад. Зеро, ҳуқуқҳои вобаста яке аз ҷузъҳои калидии илми ҳуқуқи маданӣ буда, институтест, ки ҳимояи моликияти зеҳниро ҳамчун уҳдадории ҳуқуқии субъектони моликияти зеҳнӣ мустаҳкам мекунад. Он решаҳои амиқи таърихӣ дошта, бо рушди низоми ҳуқуқ, ҷомеа ва ҳуқуқи маданӣ алоқаманд мебошад.

Истиқлоли давлатӣ ба марҳилаи нави инкишоф ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузошт. Дар ин раванд аз ҷониби давлат ба масъалаи ташаккул ва рушди моликияти зеҳнӣ таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст.

Дар масири соҳибистиқлолии миллӣ бевосита аз ҷониби давлату ҳукумати мамлакат ба ин соҳа таваҷҷуҳи махсус равона карда шуда, нерӯи зеҳнӣ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт ва доир ба рушди самараноки фаъолияти зеҳнӣ ва инноватсионӣ, эҷодӣ, инчунин ҳифзи онҳо чораҳои судманд амалӣ карда шуд. (саҳ. 4).

Объектҳои ҳуқуқҳои вобаста маҳз дар сарчашмаҳои интернет бештар ғайриқонунӣ нусхабардорӣ карда шуда, паҳн мегарданд. Аксарияти меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста замоне эҷод шуда буданд, ки ин технологияҳо набуданд. Айни ҳол тавассути меъёрҳои зикршуда бо қонуншиканиҳои дар фазои интернетӣ бавуҷудоянда мубориза бурдан душвор аст. Яъне, табиати ҳуқуқии ин қонуншиканиҳо тақозо менамояд, ки ҳуқуқшиносон меъёрҳои хоси онро коркард ва пешниҳод намоянд.

Вобаста ба ин, таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои пур намудани як қатор холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардида, дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар доираи талабот ба диссертатсияҳо тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Натиҷаҳои илмии рисолаи М.И. Исмоилзода бо дараҷаи баланди навоварӣ ва мубрамият фарқ мекунанд. Аз ҷумла:

Ба назари муаллифи диссертатсия, хусусияти хоси аксарияти ҳуқуқҳои вобастаи анъанавӣ ин аз ҳуқуқи офарандагони асарҳои эҷодӣ - чун маҳсул ва вобастаи он ҳисоб меёбанд. Танҳо дар ҳолатҳое, ки агар асарҳои қонунан ҳифзнашаванда ё объектҳои оқибати фаъолияти эҷодӣ ҳисоб наёфта, ба монандӣ: иҷро, сабти фонограммавӣ, барнома ё намоиши кабелӣ, офарида мешавад, ҳуқуқҳои вобаста хусусияти мустақил пайдо мекунад (саҳ. 58).

Муаллифи диссертатсия барои расидан ба мақсадҳои илмии худ дар ҳалли вазифаҳои зерин муваффақ гаштааст:

– таҳлилу омӯзиши масъалаҳо вобаста ба мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудан ва баҳодиҳии заминаҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– бо дарназардошти нуктаҳои назари илмии мавҷуда ва муқаррароти санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил кардани мазмун ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста ва ошкорнамоии ихтилофоти мавҷудбуда дар ин самт;

– муайян кардани аломатҳои тавсифкунандаи ҳуқуқҳои вобастаи субъективӣ дар такя ба ҳуқуқи муосири маданӣ бо муқарраркунии мазмуни ҳуқуқҳои вобастаи субъективию ошкоркунии хусусиятҳои салоҳияти соҳибҳуқуқҳо;

– муайян кардани реҷаи ҳуқуқии иҷро ва басаҳнагузорӣ, фонограмма, пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар низоми соҳаи ҳуқуқи маданӣ нахустин ба шумор рафта, таҳқиқи комплексии масъалаҳо доир ба ҳуқуқҳои вобаста дар Тоҷикистонро дар бар мегирад. Он фарогири таҳлили маҷмуавии масъалаҳои илмию ҳуқуқии марбут ба объектҳои ҳуқуқҳои вобаста мебошад, ки бо таври низомнок анҷом шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот як қатор масъалаҳои илмию амалие ошкор ва таҳлил гардиданд, ки онҳо барои пешбурди самти корҳои илмӣ ва такмили қонунгузорӣ қобили корбурд мебошанд. Ҳамзамон, бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва тақозои замони муосир ақидаҳо доир ба васеъ намудани шумораи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо дар шакли густурда дар рисола ифода гардидаанд, ки навгониҳои таҳқиқоти рисоларо ифода месозанд ва сазовори дастгирӣ мебошанд.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти рисоларо ифода месозанд:

1. Дар рисола асоснок карда шудааст, ки ҳуқуқҳои иҷрогарон ба ҳуқуқҳои муаллифон наметавонад дохил карда шавад ва онҳо бояд ҳамчун ҳуқуқи

вобаста боқӣ монанд. Зеро, объектҳои ҳуқуқи иҷрогарон на ҳамеша хусусияти аслӣ ва эҷодӣ дорад. Баръакс объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ хосияти эҷодию аслиро доранд. Баъдан объектҳои ҳуқуқи иҷрогарон аз объектҳои муаллифон маншаъ мегирад. Барои ҳамин ҳам он объектҳоро объекти ҳуқуқи муаллифӣ эътироф кардан баҳснок аст.

2. Доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста тарзу усулҳои хос ба объектҳои нави пайдомешуда зарур мебошад. Барои мисол, дар шароити кунунӣ аксари объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар интернет ҷойгир шудаанд. Аз ҳамин ҷиҳат дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқи соҳибони ҳуқуқҳои вобаста, тарзҳои нави ҳифзи ҳуқукро (бастани саҳифаи сомонае, ки дар он ҳуқуқвайронкунӣ мавҷуд аст (блокировка), хориҷ кардани маводи ғайриқонунӣ аз сомона коркард ва истифода бурдан зарур аст. Асоснок карда шудааст, ки миёнаравони иттилоотӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқҳои муаллиф нақши калон доранд. Зеро, маҳз аз вазъи ҳуқуқии онҳо вобаста аст, ки объектҳои ҳуқуқи вобастаро ба таври дахлдор ҳифз карда онҳоро, тибқи асосҳои қонунӣ манзури доираи шахсони номуайян гардонанд.

Дар маҷмуъ навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада асоснок буда, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда бо таҳлили амиқи илмӣ-амалӣ таъмин гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар натиҷаи таҳлилу омӯзиш ва маълумоти мушаххас оид ба ҳуқуқҳои вобаста, теъдоди муайяни маводи илмӣ ва мақолаҳо собит карда шудаанд. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд. Яъне, натиҷаҳои илмии дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодгардида, асоснок ва аз нигоҳи мантиқӣ пайдарҳам мебошанд. Муаллифи диссертатсия маҷмуи назарияҳоро оид ба таҳаввули ҳуқуқҳои вобаста таҳлил намуда, таҳқиқоти диссертатсионии худро ҳамчун воситаи ҳалли мушкилот дар ин самт арзёбӣ менамояд.

Дар баробари ин, муаллифи диссертатсия вобаста ба доираи мавзуи таҳқиқоти анҷомдодааш сарчашмаҳои гуногуни илмиро истифода бурдааст. Дар ин замина, чунин изҳор намудан мумкин аст, ки муаллиф мавзуи мазкурро ҳамаҷониба ва бо дарназардошти давраҳои гуногуни таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ҳамчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», тавассути қонунгузории миллӣ, бахусус Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, инчунин эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ (таҳлили диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ - функсионалӣ, шаклӣ - мантиқӣ, системавӣ) ва махсус (муқоисавию ҳуқуқӣ ва усули тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ), таҳлили қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои корҳои илмии як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар масъалаи ҳуқуқҳои вобаста инъикос менамоянд, асоснок мегардад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, асосҳои методологии он зикр шуда, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти

назариявӣ ва амалии он тавсиф гардида, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия** ба мавзуи «Тавсифи умумии ҳуқуқҳои вобаста» бахшида шуда, дар он масъалаҳо вобаста ба таҳлили масъалаи мафҳум, моҳият, асосҳои танзимкунандаи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифиро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст. Дар замини омӯзиши масъалаҳои дар зербобҳо ҷойдошта бо назардошти адабиёти илмӣ, ҳамзамон муқаррароти қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ дар алоқамандб ба назарияи илми ҳуқуқи маданӣ дар самти ҳуқуқҳои вобаста пажӯҳиш гардидааст.

Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки «аз таҳлили ҳолати назариявӣ ва қонунгузории амалкунанда дар самти ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, маълум мегардад, ки ҳуқуқҳои вобаста барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан падидаи нав ба шумор рафта, нисбати он таҳқиқоти мукаммали илмӣ ҳоло ба анҷом расонида нашудааст» (саҳ. 17). Албатта, муаллиф дар ин ҷо бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ фикри худро пешниҳод намудааст.

Муаллифи диссертатсия иброз медорад, ки «дар заминаи таҳлили муфассали таҳқиқот метавон заминаҳои асосии пайдоиши ҳуқуқҳои вобастаро чунин маънидод намуд. Сабаби асосии пайдоиши объектҳои нав рушду инкишофи илмӣ-техникӣ гардид, ки дар асоси асарҳои муаллифӣ дар натиҷаи ба онҳо додани як шакли махсус устувории мавҷудият офарида шудаанд. Аз рӯйи хосияти пайдоишаш ин объектҳоро нисбат ба асарҳои муаллифӣ бояд дуюмдараҷа ҳисобем. Аммо объектҳои мазкур дорои чанд хусусият мебошанд, ки мақом ва хусусияти онҳоро дар муомилоти маданӣ муайян менамоянд» (саҳ. 22-23).

Ба андешаи муаллифи диссертатсия ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф гуфта, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии субъектонеро меноманд, ки онҳо дар заминаи объекти ҳуқуқи муаллиф ё бидуни он натиҷаи

фаъолияти зеҳниеро ба вуҷуд оварадаанд ва онҳо тибқи қонунгузорӣ муқаррар ва ҳифз карда мешаванд (саҳ. 34).

Вобаста ба эътирофи қонунгузорӣ амалӣ гардидани ҳуқуқҳои вобаста ба таври комил имконпазир мегардад, ки ин на танҳо сатҳи ҳимояи ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти зеҳниро боло мебардорад, балки рушди соҳаи фарҳанг, бахши медиа ва касбҳои эҷодиро таъмин менамояд. Дар натиҷа асоси ҳуқуқие ташаккул меёбад, ки дар он манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён таъмин гардида, муомилоти натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ таҳким ёфта, шароит барои рушди минбаъдаи низоми миллии ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста фароҳам оварда мешавад, иброз менамояд муаллиф (саҳ. 38). Таҳлили мазмун, моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқҳои вобаста имкон медиҳад ба чунин натиҷагирӣ бирасем, ки онҳо маҷмуӣ ва тасодуфӣ нестанд, балки як гурӯҳи махсуси ба ҳам алоқаманди ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мебошанд.

**Боби дуюми диссертатсия** – «Намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ва реҷаи ҳуқуқии онҳо» ном дошта, мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар он масъалаҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ дорои реҷаи хоси ҳуқуқӣ мебошанд. Муаллиф доир ба объектҳои ҳуқуқҳои вобаста андешаронӣ намуда ба хулосае меояд, ки барои мукаммалгардонии самти таъминоти иттилоотонӣ ва танзими муносибатҳо оид ба ҳуқуқҳои вобаста дар қонунгузорӣ моддаҳои нави алоҳида ҷой дода шаванд.

Муаллиф бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ чунин андеша дорад, ки «объекти ҳуқуқҳои вобастаи барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ он барномаҳое ба шумор мераванд, ки аз ҷониби худи ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ таҳия шудаанд, ё бо фармоиш ва аз ҳисоби маблағу имкониятҳои он аз ҷониби ташкилоти дигар офарида гардидаанд.

Қонунгузор на танҳо объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро муайян намудааст, балки, инчунин муқаррар кардааст, ки онҳо сарфи назар аз таъйинот, мазмун, қимат ва тарзу шаклҳои ифода эътироф карда мешаванд. Таҳти мафҳуми «таъинот» мақсади истифода ё амалигардонии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар назар дошта мешавад. Ба ибораи дигар, новобаста аз он ки чунин объектҳо

бо кадом мақсад офарида шудаанд, онҳо аз ҷониби қонун эътироф мегарданд. Объектҳои ҳуқуқҳои вобаста вобаста ба таъинот метавонанд мақсадҳои соҳибкорӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, таълимӣ ё тарбиявӣ дошта бошанд. Бо вуҷуди ин, қонунгузории мазкур иҷозати истифодаи объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро бо мақсадҳои ҷиноятӣ пешбинӣ накардааст ва тибқи дигар санадҳои қонунгузорӣ чунин таъинот манъ мебошад» (саҳ. 49).

Муаллиф қайд менамояд, ки «вобаста ба тарзи ифода, яъне тарзи баён ва пешниҳоди худ, объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба шаклҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

– ба эфир додан ё тавассути воситаҳои кабелӣ ба омма дастрас намудани иҷро ё намоиш;

– сабти иҷро ё намоише, ки қаблан сабт нашуда буд;

– таҷдиди сабти иҷро ё намоиш;

– пахш ё намоиш додани сабти иҷро ё намоиш тавассути эфир ё кабел;

– ба кироя додани фонограммаҳои бо мақсади тиҷоратӣ нашршуда, аз ҷумла иҷро ё намоишҳое, ки бо иштироки мустақими худи иҷрогар анҷом дода мешаванд» (саҳ. 50).

Доир ба масъалаи ҷиҳати басаҳнагузории объекти ҳуқуқҳои вобаста муаллиф ба чунин назар аст, ки «бешубҳа ва мутлақо дар нисбати иҷрогар, инчунин муаллиф манфиати молумулкӣ вуҷуд дорад, ки бо ба даст овардани ягон подош ба ивази натиҷаҳои меҳнатиаш алоқаманд аст. Аммо, ба ғайр аз ин иҷро ин натиҷаи фаъолияти вай, ки аллакай дар раванди эҷодӣ, зеҳнӣ, ва қобилияти фардии истеъдодҳои танҳо барои худаш хос ба вуҷуд омадааст, маънидод мешавад. Барои ҳамин иҷрогарон на танҳо барои манфиатҳои молумулкӣ, балки барои дар байни ҷомеа эътирофу эътибор пайдо кардани истеъдодҳои эҷодиашон манфиат доранд» (саҳ. 64-65).

Доир ба фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба андешаи муаллиф «барои истеҳсолкунандаи фонограмма имконияти амалигардонии истифодабарии фонограмма бо роҳи азнавтакроркунӣ, паҳнкунӣ, ба иҷора ё ба киро додан, аз нав офаридан аз мундариҷаи шартнома бо муаллиф ва иҷрогар

вобастагӣ дорад. Ин ҳуқуқҳо барои вай ҳосилшуда мебошанд, азбаски истеҳсолкунандаи фонограмма онҳоро на бо далели офаридани фонограмма, балки аз рӯйи шартнома бо муаллиф ва иҷрогар ба даст меорад.

Ҳамзамон, аз лаҳзаи офаридани фонограмма истеҳсолкунандаи он дорои як қатор ҳуқуқҳо мешавад, ки хосияти аввалия доранд. Онҳо аз рӯйи шартнома намегузаранд ва аз майлу хоҳиши муаллиф ва иҷрогар вобастагӣ надоранд» (саҳ. 83).

Инчунин, муаллиф оид ба пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста асоснок намудааст, ки «тавассути ҳуқуқи пахши кабелӣ, асар ба воситаи сим, нахи оптикӣ ё тавассути дастгоҳҳои дигари ба он монанд, ба омма дастрас мегардад. Ҳуқуқи пахши кабелӣ моҳиятан ва мазмунан ба ҳуқуқи пахши эфирӣ наздик буда, бо баъзе хусусиятҳои танҳо ба ин ҳуқуқ хос фарқ менамояд. Пеш аз ҳама, дар ҳуқуқи пахши кабелӣ усули техникии дастраси омма намудани асар фарқ мекунад, яъне асар бо ёрии сигналҳо, тавассути сим, дастгоҳҳои қабул ва пахши маълумот ва дастгоҳҳои дигари ба ин монанд таҳвил меёбанд» (саҳ. 103) қобили қабул мебошад.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «Амалигардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ гардида, дар он иброз мегардад, ки «замони муосир давраи афзоиши ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобастаро мемонад. Зеро, теъдоди нашриётҳои хусусӣ, нуқтаҳои сабти овоз, нуктаҳои таҷдиди фонограмма, видеотолорҳо, ташкилотҳои гуногуни хусусию давлатии воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои радио ва телевизион, ширкатҳои мобилӣ, интернетӣ ва монанди инҳо назаррас афзуда, риояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобастаро дар фаъолияти худ пурра таъмин намекунанд» (саҳ. 113).

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки «амалишавии ҳуқуқи субъективӣ метавонад ҳам ба таври фаъол (тавассути амалҳои мусбати субъект) ва ҳам ба таври ғайрифаъол (бо роҳи худдорӣ аз амалҳое, ки ба татбиқи ҳуқуқ монеъ мешаванд) сурат гирад, муҳим аст. Масалан, соҳибмулк ҳуқуқи моликияти худро на танҳо бо роҳи истифодаи ашё, балки инчунин

тавассути пешгирии дахолати шахсони сеюм ба ваколатҳои соҳибмулкии худ амалӣ менамояд. Бинобар ин, раванди амалишавии ҳуқуқҳои субъективӣ ҳамчун баҳамтаъсирасонии динамикӣ байни иродаи субъект, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳолатҳои воқеӣ зуҳур мекунад, ки дар он субъект имкониятҳои ҳуқуқии ба ӯ додашударо ба рафтори мушаххас ва натиҷаҳои моддӣ табдил медиҳад» (саҳ. 120).

Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия ба чунин андеша аст, ки «яке аз мушкилотҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳангоми барориши маҳсулоти қалбакӣ дар надонистани ҳуқуқҳои худ аз ҷониби муаллифон ва дигар дорандагони ҳуқуқ мебошад, дар онҳо мавҷуд набудани тасаввурот дар бораи он, ки чӣ тавр ва ба куҷо бо ариза дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда бояд муроҷиат намоянд. Ҳамзамон, бояд дар назар гирифт, ки ҷиҳати рушди самараноки соҳаи мазкур давлат бояд платформаи мусоиди ҳуқуқиро, яъне асосҳои танзими ҳуқуқиро мустаҳкам намуда, шароити арзандаи эҷод намудан ба муаллиф ва аз он дарёфт намудани самараи мувофиқро фароҳам созад ва дар навбати худ давлат аз истифодаи асарҳои дар муомилоти иқтисодибуда, даромади дахлдор гирад» (саҳ. 150). Дар ҳолати мазкур ҳангоми ба таври пурратар масъалагузорӣ кардан боз ҳам пажӯҳиши илмиро мустаҳкам менамуд.

**Хулоса** аз 7 банд иборат буда, муаллиф вобаста ба самтҳои гуногуни падидаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста андешаронӣ намуда, хулосаҳои асоснок манзур намудааст. Хулосаи манзуршуда бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» равона карда шуда, вобаста ба ҳар як зербоб хулосабарории дақиқ анҷом дода шудааст. Дар хулоса аз тарафи муаллиф аз таҳлили заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии падидаи мазкур сар карда то ба ҳадди тарзҳои ҳимояи ҳуқуқии тарафҳои ҳуқуқҳои вобаста пешниҳодҳои мушаххас таҳия гардидааст.

**Сохтори диссертатсия** ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро

ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчӯнин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда оид ба падидаи ҳуқуқҳои вобаста тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Рисолаи илмии Исмоилзода М.И. дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ мебошад. Аҳаммияти илмии рисола дар он зоҳир меёбад, ки дар ташаккули нигоҳи нав ба табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ мебошад, ки дар назарияи умумии ҳуқуқ ва назарияи ҳуқуқи муаллифӣ метавон мавриди истифода қарор дода шаванд. Натиҷаҳои бадастомада, муқаррарот ва хулосаҳои дар таҳқиқоти илмӣ ифодашуда, метавонанд таълимотро доир ба ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ васеъ кунанд, боиси азхудкунии назариявии аҳаммияти асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии онҳо шавад ва ба тавсияҳои илми ҳуқуқи маданӣ таъсир расонад, ки ба қонунгузор ва амалияи судӣ роҷеъ ба бунёди табиати ҳуқуқӣ, низом, мазмун ва ҳимояи ҳуқуқҳои таҳқиқшаванда асос карда шудаанд. Натиҷаҳои зикршуда метавонанд дар таҳқиқотҳои минбаъда роҷеъ ба ҳуқуқҳои вобаста татбиқ карда шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки мавзуи мазкур ба муомилоти яке аз объектҳои муҳимми иқтисодӣ – ҳуқуқҳои вобаста бахшида шудааст. Истифодаи самараноки ҳуқуқҳои вобаста имкон медиҳад, ки манфиатҳои иқтисодии ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқҳои иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелиро, ки бинобар алоқамандӣ бо ҳуқуқӣ муаллиф аз лиҳози қонун танзим шаванд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқоти мазкур дар баланд бардоштани сатҳи амнияти ҳуқуқҳои вобаста ва ҷамъиятӣ дар амалӣ шудани якѐ аз ҳуқуқҳои иҷтимоии конститутсионӣ ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқҳои иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелиро,

ки бинобар алоқамандӣ бо ҳуқуқи муаллиф зоҳир мегардад. Дар маҷмуъ ба рушди устувори иҷтимоии муносибатҳои моликияти зеҳнӣ мусоидат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 22 маводди илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст. Ҳамчунин, дар ҳаммуаллифӣ 1 монографияи дигар дар самти танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ва 2 маводи дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

[1–М]. Исмоилова, М.И. Танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография: нашри аввал / М.А. Қодирзода, М.И. Исмоилова, Ш.Х. Одиназода, Ҳ.Р. Раҳмонов, К.М. Каримов, М.Н. Сайдалиён // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2022. – 188 с.

[2–М]. Исмоилова, М.И. Понятие смежних прав по законодательство Республики Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – №3/9 (154). – С. 83-85. ISSN: 2074-1847.

[3–М]. Исмоилова, М.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ИДМ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2016. – №3 (23). – С. 82-86. ISSN 2410-2903.

[4–М]. Исмоилова, М.И. Баъзе масъалаҳои рушди қонунгузории сайёҳӣ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2017. – №2 (26). – С. 57-61. ISSN 2410-2903.

[5–М]. Исмоилова, М.И. Таҳлили қонунгузории ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2017. – №4 (28). – С. 109-114. ISSN 2410-2903.

[6–М]. Исмоилова, М.И. Процесс формирования и совершенствования законодательних актов по защите смежних прав в Республике Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2018. – №2 (30). – С. 30-38. ISSN 2410-2903.

[7–М]. Исмоилова, М.И. Проблеми международной и национально-правовой охрани смежних прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4 (40). – С. 33-38. ISSN 2410-2903.

[8–М]. Исмоилова, М.И. Проблеми регулирования объектов смежних прав среди объектов интеллектуальной собственности [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 31-37. ISSN 2410-2903.

[9–М]. Исмоилова, М.И. Понятие и общая характеристика смежних прав по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Правовая жизнь. – 2020. – №4 (32). – С. 189-199. ISSN 2307–5198.

[10–М]. Исмоилова, М.И. Проблеми международной и национально-правовой охрани смежних прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Юридическая наука: история и современность. – 2020. – №11. – С. 154-162. ISSN 2218-7170.

[11–М]. Исмоилова, М.И. Телерадиопередачи как объект смежних прав [Текст] / У.А. Меликов, М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2022 – №3 (47). – С. 24-28. ISSN 2410-2903.

[12–М]. Исмоилова, М.И. Проблеми международной и национально-правовой охрани смежних прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2023. – №1 (49). – С. 47-53. ISSN 2410-2903.

[13–М]. Исмоилова, М.И. Тарзҳои граждании-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста [Матн] / У.А. Меликов, М.И. Исмоилова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 145-153. ISSN 2414-9217.

[14–М]. Исмоилова, М.И. Мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони русӣ) // Маводи конференсияи IX илмӣ-

амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Потенсиали инноватсионии рушди илм дар замони муосир». – Уфа, 21 июни соли 2022. – С. 178-183. К 303-0.

[15–М]. Исмоилова, М.И. Асосҳои ҳуқуқии танзимкунии ҳуқуқҳои вобаста ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони англисӣ) // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии рушди устувор». – Копенгаген, 6-8 июли соли 2022. – С. 148-155. ISBN 978-87-615-0721-1.

[16–М]. Исмоилова, М.И. Иҷро ва ба саҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста (бо забони англисӣ) // Маводи конференсияи XII илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Таҳқиқоти илмӣ дар асри XXI». – Оттава, 16-18 июли соли 2022. – С. 183-190. ISBN 978-0-458-20903-3.

[17–М]. Исмоилова, М.И. Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он // Маводи конфернсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ, ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ». – Бостон, 2022. – С. 13-20. ISBN 978-1-64655-129-3.

[18–М]. Исмоилова, М.И. Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ таҳти унвони «Проблемаҳои рушди илми муосир». – Алмаато, 2022. – С. 75-78. ISI 2019-0.172.

[19–М]. Исмоилова, М.И. Баъзе масъалаҳо оид ба амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Методологияи танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия». – Душанбе, 2022. – С. 75-82. ISBN 978-99975-74-56-6.

[20–М]. Исмоилова, М.И. Танзими ҳуқуқии марказҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ / М.И. Исмоилова, М.Т. Тоирзода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва

дурнамо» // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – С. 52-60.

[21–М]. Исмоилова, М.И. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» [Матн] / М.И. Исмоилова. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2021. – 72 с.

[22–М]. Исмоилова, М.И. Истилоҳоти ҳуқуқии соҳаи иттилоот, матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма [Матн] / М.И. Исмоилова. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 48 с.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** ба ҳисоб рафта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбие, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқҳои муаллиф дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Муаллиф аксарияти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқҳои муаллиф таҳлил намудааст. Бо вуҷуди ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки муаллиф дар баробари қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, аз ҷумла консепсия, стратегия ва барномаҳо вобаста ба ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он таваҷҷуҳ намуда, дар таҳқиқот масъалаҳои мазкурро мавриди таҳлил қарор медод.

2. Муаллиф дар нуктаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳуқуқҳои иҷрогарон, сабтгарони фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелиро ҷудо намудааст. Мувофиқи мақсад аст, ки муаллиф вобаста ба ҳар яке аз ин ҳуқуқҳо ба саҳми аъзои шурои диссертатсионӣ маълумоти муайян пешниҳод менамуд.

3. Дар зербоби сеюми боби дуюм фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста дар саҳифаҳои 78-98 диссертатсия мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки аз ҷониби унвонҷӯ вобаста ба хусусиятҳои фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста маълумоти васеътар пешниҳод карда мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
соҳибкорӣ ва тиҷоратии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мавлоназарзода О.А.

**Суроға:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.: (+992) 500-00-09-09, E-mail: omavlonazarov@mail.ru

**Имзоҳои Мавлоназарзода О.А. -ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

«27» 03 2026 с.

**Суроға:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.: (+99237) 221-77-11, факс: 227-15-10 Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj